Бо Вазорати молияи
Ҷумҳурии Тоҷикистон
мувофиқа карда шудааст
__________ Қаҳҳорзода Файзиддин
«29»__04__ с. 2019

«Тасдиқ мекунам»
Вазири маориф ва илми
Ҷумҳурии Тоҷикистон
__________ Нуриддин Саид
«__»__04__ с. 2019

Бо Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли
аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон
мувофиқа карда шудааст.
__________ Сумангул Тағойзода
«29»__04__ с. 2019

Бо Кумитаи иттифоқи касабаи
маориф ва илми Ҷумҳурии
Тоҷикистон мувофиқа карда
шудааст.
__________ Одиназода Рамазон
«11»__04__ с. 2019

# Тартиби
# пардохти музди меҳнати
# кормандони соҳаи маориф

Душанбе 2019

## 1. Муқаррароти умумӣ

1. Тартиби пардохти музди меҳнати кормандони соҳаи маориф (минбаъд тартиб) бо мақсади ба низоми ягона даровардани ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқии вобаста ба пардохти музди меҳнат дар муассисаҳои таълимӣ, марказҳои таълимӣ ва тарбиявӣ, Муассисаи давлатии Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф ва филиалҳои он (ба гайр аз муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ) истифода бурда мешавад.

2. Тартиб дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 июни соли 2009, №671, аз 6 сентябри соли 2010, №923, аз 2 августи соли 2011, № 1126, аз 13 августи соли 2012, №1313, аз 14 августи соли 2013, №1493, қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 20 июли соли 2009, №409 «Дар бораи тадбирҳои татбиқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 июни соли 2009, №671», қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 октябри соли 2010, №526 «Дар бораи тадбирҳои татбиқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 сентябри соли 2010, №923», қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 августи соли 2011, №387 «Дар бораи тадбирҳои татбиқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 августи соли 2011 №1126», қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2012 №461 «Дар бораи тадбирҳои татбиқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 августи соли 2012, №1313», қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 августи соли 2013, №371 «Дар бораи тадбирҳои татбиқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 августи соли 2013 №1493», Фармони Президенти Чумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи татбирҳои тақвият бахшидани сатҳи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва зиёд намудани маоши амалкунандаи вазифавии хизматчиёни давлатӣ, кормандони муассисаю ташкилотҳои буҷетӣ, андозаи нафақа ва стипендия» аз 6 июни соли 2016, № 697,қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.08.2018, №438 «Дар бораи тадбирҳои татбиқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 августи соли 2018, №1084 таҳия карда шудааст.

3. Андозаи музди меҳнати кормандони соҳаи маорифро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад.

4. Ҳангоми муайян намудани маоши вазифавии кормандони роҳбарикунандаи муассисаҳои таълимӣ, муовинони онҳо, мудирони филиалҳо шумораи хонандагон дар ин муассисаҳо ба инобат гирифта мешавад.

5. Музди меҳнати омӯзгорон барои як ставка ва маоши вазифавии кормандони педагогӣ вобаста ба таҳсилот ва дараҷаи тахассусӣ муайян карда мешавад.

6. Музди меҳнати кормандони техникӣ ва ёрирасон метавонад ба таври шартномавӣ бо назардошти таҳсилот дар доираи музди меҳнати минималии дар ҷумҳурӣ амалкунанда ва музди меҳнати омӯзгори

муассисаи таҳсилоти умумӣ, ибтидои касбӣ бо таҳсилоти миёнаи касбӣ бе категория муайян карда шавад.

7. Фонди музди меҳнати омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ иборат аст;

- аз меъёри музди меҳнат барои як ставка, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян шудааст.

- аз иловапулӣ барои корҳое, ки ба фаъолияти таълимӣ алоқаманд буда, ба доираи вазифаҳои асосии корманд дохил намешаванд;

- аз иловапулӣ барои шароити вазнини меҳнат, ки аз шароити муқаррарӣ фарқ мекунад;

- аз пардохтҳое, ки вобаста ба маҳали ҷойгиршавии муассиса алоқаманд мебошанд;

- аз дигар пардохтҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намудааст.

8. Ҳаҷми иловапулиҳо барои иҷрои корҳои ба доираи вазифаҳои асосии корманд дохил набуда, пардохт карда мешавад:

9. Барои роҳбари синф – 15 фоиз аз меъёр барои 1 ставка. Иловапулӣ барои роҳбарии синф ба директор ва муовинони он, ба истисноӣ муовинони оид ба синфҳои ибтидоӣ пардохт намешавад.

10. Барои тафтиши дафтар ва корҳои хаттӣ аз ҳисоби соатҳои ҳақиқӣ 20 фоиз маблаги иловагӣ ба омӯзгорони забон ва адабиёти тоҷик, забони русӣ, забонҳои хориҷӣ, математика, физика, химия нақшакашӣ, санъати тасвирӣ ва ба омӯзгоронӣ синфҳои ибтидоӣ пардохта мешавад. Дар ҳолати тақсим намудани синфҳо ба зергурӯҳҳо омӯзгорони гуногун дарс диҳанд, иловапулӣ дар ҳачмӣ 50%-и меъёрӣ муқарраргардида (20 фоиз) пардохт карда мешавад. Агар дар синф шумораи умумии хонандагон аз 12 нафар кам бошад иловапулиҳо 50% пардохт карда мешавад.

Ба омӯзгороне, ки таҳсилро дар хона бо кӯдакони носолим мебаранд, иловапулӣ барои тафтиши дафтар пардохт карда намешавад.

11. Барои мудирии кабинетҳои фаннӣ ва методӣ 10 фоизи меъёр барои 1 ставка иловапулӣ пардохт мешавад. Кабинетҳои фаннӣ бояд ба талаботи санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ оид ба муҷаҳҳаз гардонидани кабинетҳои фаннӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ҷавобгӯ бошанд.

12. Ҳаҷми иловапулӣ барои шароити душвори меҳнат, ки аз шароити муқаррарӣ фарқ мекунад, дар асоси талаботи Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои кормандони муассисаҳое, ки мақоми махсус доранд, пардохт мешавад.

13. Барои кор дар басти шабона ба андозаи на камтар аз якуним баробари меъёри муқарраршуда пардохт мешавад.

14. Барои кор дар шароити аз шароити муқаррарӣ фарқкунанда -12 фоиз аз меъёр барои 1 ставка.

15. Ҳаҷми пардохтҳое, ки вобаста ба маҳали ҷойгиршавии муассиса алоқаманд мебошанд, тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 августи соли 2018, №382 аз рӯи нишондиҳанда барои ҳисобҳо 55 сомонӣ аз 1 январи соли 2019. «Дар бораи тасдиқи коэффитсиентҳои ноҳиявӣ,

коэффитсиент барои кор дар биёбон, ҷойҳои беоб ва ноҳияҳои баландкӯҳ» муайян карда мешавад.

Андозаи
маблағи иловапулии коэффитсиентҳо, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 майи соли 2014, №303 «Дар бораи коэффитсиентҳои ноҳиявӣ, коэффитсиентҳо барои кор дар биёбон, ҷойҳои беоб ва ноҳияҳои баландкӯҳ»

| Шаҳру ноҳияҳо | Коффитсиенти ноҳиявӣ | Коэффитсиенти баландкӯҳ | Ҳамагӣ | Ду нишондиҳанда барои ҳисобҳо | Маблағи иловапулӣ аз рӯи коэффитсиентҳо |
|---|---|---|---|---|---|
| ш. Хоруғ | 20 фоиз | 15 фоиз | 35 фоиз | 110 сомонӣ | 38,5 сомонӣ |
| н. Рӯшон | 20 фоиз | 15 фоиз<br>18 фоиз<br>20 фоиз<br>30 фоиз | 35 фоиз<br>38 фоиз<br>40 фоиз<br>50 фоиз | 110 сомонӣ<br>110 сомонӣ<br>110 сомонӣ<br>Бе маҳдуд | 38,5 сомонӣ<br>41,8 сомонӣ<br>44,0 сомонӣ<br>50 фоизи музди меҳнат |
| н. Шуғнон | 20 фоиз | 15 фоиз<br>18 фоиз<br>20 фоиз<br>30 фоиз | 35 фоиз<br>38 фоиз<br>40 фоиз<br>50 фоиз | 110 сомонӣ<br>110 сомонӣ<br>110 сомонӣ<br>Бе маҳдуд | 38,5 сомонӣ<br>41,8 сомонӣ<br>44,0 сомонӣ<br>50 фоизи музди меҳнат |
| н. Ишкошим | 20 фоиз | 15 фоиз<br>18 фоиз<br>20 фоиз<br>30 фоиз | 35 фоиз<br>38 фоиз<br>40 фоиз<br>50 фоиз | 110 сомонӣ<br>110 сомонӣ<br>110 сомонӣ<br>Бе маҳдуд | 38,5 сомонӣ<br>41,8 сомонӣ<br>44,0 сомонӣ<br>50 фоизи музди меҳнат |
| н. Рошткалъа | 20 фоиз | 15 фоиз<br>18 фоиз<br>20 фоиз<br>30 фоиз | 35 фоиз<br>38 фоиз<br>40 фоиз<br>50 фоиз | 110 сомонӣ<br>110 сомонӣ<br>110 сомонӣ<br>Бе маҳдуд | 38,5 сомонӣ<br>41,8 сомонӣ<br>44,0 сомонӣ<br>50 фоизи музди меҳнат |
| н. Дарвоз | 20 фоиз | 15 фоиз<br>18 фоиз<br>20 фоиз | 35 фоиз<br>38 фоиз<br>40 фоиз | 100 сомонӣ | 38,5 сомонӣ<br>41,8 сомонӣ<br>44,0 сомонӣ |
| н. Ванҷ | 20 фоиз | 15 фоиз<br>18 фоиз | 35 фоиз<br>38 фоиз | 110 сомонӣ | 38,5 сомонӣ<br>41,8 сомонӣ |
| н. Мурғоб | 20 фоиз | 30 фоиз | 50 фоиз | Бе маҳдуд | 50 фоизи музди меҳнат |
| ш. Норак | 15 фоиз | - | 15 фоиз | 110 сомонӣ | 16,5 сомонӣ |
| ш. Роғун | 15 фоиз | - | 15 фоиз | 110 сомонӣ | 16,5 сомонӣ |
| н. Шамсиддини Шоҳин | - | 15 фоиз<br>18 фоиз | 15 фоиз<br>18 фоиз | 110 сомонӣ | 16,5 сомонӣ<br>19,8 сомонӣ |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| н. Сангвор | - | 15 фоиз<br>18 фоиз | 15 фоиз<br>18 фоиз | 110 сомонӣ | 16,5 сомонӣ<br>19,8 сомонӣ |
| н. Тоҷикобод | - | 15 фоиз | 15 фоиз | 110 сомонӣ | 16,5 сомонӣ |
| н. Лахш | - | 15 фоиз<br>18 фоиз | 15 фоиз<br>18 фоиз | 110 сомонӣ | 16,5 сомонӣ<br>19,8 сомонӣ |
| н. Варзоб | - | 15 фоиз<br>18 фоиз | 15 фоиз<br>18 фоиз | 110 сомонӣ | 16,5 сомонӣ<br>19,8 сомонӣ |
| н. Рашт | - | 15 фоиз | 15 фоиз | 110 сомонӣ | 16,5 сомонӣ |
| ш. Панҷакент | - | 15 фоиз<br>18 фоиз<br>20 фоиз | 15 фоиз<br>18 фоиз<br>20 фоиз | 110 сомонӣ | 16,5 сомонӣ<br>19,8 сомонӣ<br>22,0 сомонӣ |
| н. Айнӣ | - | 15 фоиз<br>18 фоиз<br>20 фоиз | 15 фоиз<br>18 фоиз<br>20 фоиз | 110 сомонӣ | 16,5 сомонӣ<br>19,8 сомонӣ<br>22,0 сомонӣ |
| н. Кӯҳистони Мастчоҳ | - | 15 фоиз<br>18 фоиз<br>20 фоиз | 15 фоиз<br>18 фоиз<br>20 фоиз | 110 сомонӣ | 16,5 сомонӣ<br>19,8 сомонӣ<br>22,0 сомонӣ |
| н. Деваштич | - | 15 фоиз | 15 фоиз | 110 сомонӣ | 16,5 сомонӣ |
| Ағбаҳо | | | | | |
| Шаҳристон, Анзоб, Хобуробод | | 30 фоиз | 30 фоиз | Бе маҳдуд | 30 фоизи музди меҳнат |

Эзоҳ:

- коэффитсиенти баландкӯҳӣ дар шаҳру ноҳияҳо бо назардошти ҷойршавии деҳот, шаҳрак ва деҳаҳо дар баландӣ аз сатҳи баҳр метавонад гуногун бошанд;

- дар ҳудуди деҳот, шаҳрак ва деҳаҳое, ки дар баландии зиёда аз 3000 метр аз сатҳи баҳр ҷойгир мебошанд, ҳисоб кардани коэффитсиентҳои ноҳиявӣ, коэффитсиент барои кор дар ноҳияҳои баландкӯҳ бе маҳдудият аз рӯи маоши вазифавии моҳонаи кормандон амалӣ карда шавад;

- ағбаҳои Шаҳристон, Анзоб ва Хобуробод, ки дар баландии зиёда аз 3000 метр аз сатҳи баҳр ҷойгир шудаанд, иловапулӣ аз рӯи коэффитсиенти баландкӯҳӣ ба андозаи 30 фоиз бе маҳдудият аз рӯи маоши вазифавии моҳонаи корманд ҳисобӣ карда шавад;

- андозаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи буҷети давлатӣ» барои соли дахлдори молиявӣ муқаррар карда мешавад.

16. Барои унвонҳои илмии доктори илм ва номзади илм дар сурати аз рӯйи ихтисос кор кардан, 30 фоиз иловапулӣ аз ҳисоби соатҳои ҳақиқӣ дар ҷойи кори асосӣ пардохт карда мешавад.

17. Барои омӯзгорони ҷавоне (то 30 сола), ки дар деҳот дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва томактабӣ фаъолият менамоянду дорои таҳсилоти касбии омӯзгорӣ ҳастанд, иловапулӣ ба 1 воҳиди сарборӣ (1 ставка) дар се соли аввали корӣ ба андозаи 10 фоиз пардохт карда мешавад.

18. Муассисаҳои таълимие, ки аз буҷети давлатӣ маблаггузорӣ карда мешаванд, ҳуқуқ доранд дар ҳолати мавҷуд будани сарфаи музди меҳнат аз

ҳисоби ҷойҳои кории холӣ, инчунин аз ҳисоби маблағҳои махсус бо пешниҳоди иттифоқи касабаи муассиса ва розигии муассис (ташкилоти болоӣ) мукофотпулию иловапулӣ муқаррар ва пардохт намоянд пардохт намояд.

19. Пардохти музди меҳнати кормандони соҳаи тандурустӣ, ки дар муассисаҳои таълимӣ фаъолият мекунанд ва дар тартиби мазкур оварда нашудаанд, вобаста ба меъёрҳои барои ҳамин сатҳи кормандон дар соҳаҳои мувофиқ муайянкардашуда, амалӣ мешавад.

20. Меъёрҳои музди меҳнати китобдорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (аз ҷумла мактаб-интернатҳо, гимназия, литсейҳо), таҳсилоти ибтидоӣ, миёнаи касбӣ чунин мебошад.

*Ҷадвали. 2*

| Вазифа | Бо таҳсилоти олӣ | Бо таҳсилоти миёнаи касбӣ |
|---|---|---|
| Мудири китобхона | 627 | 564 |
| Китобдор | 499 | 433 |

21. Меъёри музди меҳнат дар ҳолатҳои зерин тағйир ёфта метавонад:

- ҳангоми гирифтани таҳсилот ва ё барқарор намудани ҳуҷҷатҳои лозимӣ аз рӯзи пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳо;
- ҳангоми соҳиб шудан ба унвони доктори илм ва ё номзади илм аз рӯзи қабул шудан қарори комиссияи олии аттестатсионӣ;
- ҳангоми гирифтани таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ.

22. Роҳбари муассисаи таълимӣ ҳамасола ҳуҷҷатҳои омӯзгоронро санҷида, рӯйхати тарификатсиониро таҳия ва тасдиқ мекунад.

Ҷавобгарӣ барои пардохти саривақтии музди меҳнат ва дуруст муайян намудани андозаи он ба ӯҳдаи директорони муассисаи таълимӣ гузошта мешавад.

## 2. Меъёри вақти корӣ ва тақсимоти онҳо дар соҳаи маориф (дар муассисаҳои таълимӣ)

### 23. Сарбории кормандони муассисаҳои томактабӣ, миёнаи умумӣ ва ибтидоии касбӣ

- Меъёри музди меҳнат барои кормандони педагогӣ барои ҳаҷми муайяншудаи меъёри сарбории таълимӣ (ҳаҷми фаъолияти педагогӣ) пардохт мешавад:

*Барои 16 соат фаъолияти таълимӣ дар як ҳафта :*

- ба омӯзгорони муассисаҳои корҳои тарбиявии беруназмактабӣ;
- ба тренерон-омӯзгорони гурӯҳҳои варзишӣ-солимгардонӣ;

*18 соат фаъолияти таълимӣ дар як ҳафта:*

- ба омӯзгорони синфҳои 5 то 11(12) муассисаи таълимӣ;
- ба омӯзгорони таълими меҳнат (технология)-и синфҳои 4 то 9 муассисаҳои махсуси таълимӣ-тарбиявӣ барои кӯдакони душвортарбия;
- ба омӯзгорони фанҳои тахассусии синфҳои 1 то 11 мактабҳои мусиқӣ ва санъат;

- ба омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти иловагии кӯдаконаи соҳаи фарҳанг; синфҳои 3 то 5 мактабҳои мусиқии таҳсилоти панҷсола; синфҳои 4 то 7 мактабҳои санъати таҳсилоти ҳафтсола; синфҳои аз 1 то 4 мактабҳои бадеии кӯдаконаи таҳсилоти чорсола;

- ба омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ;

*20 соати таълимӣ дар як ҳафта:*

- ба омӯзгорони синфҳои аз 1 то 4;
- ба омӯзгорон- дефектологҳо;
- ба омӯзгорон- логопедҳои муассисаҳои таълимӣ;
- ба омӯзгорони фанҳои тахассусии синфҳои 1–2 мактабҳои мусиқӣ ва санъат.

*24 соати таълимӣ дар як ҳафта:*

- роҳбарони мусиқӣ ва консертмейстрҳои муассисаҳои таълимӣ;
- омӯзгорон-дефектологҳо, логопедҳои дар муассисаҳои томактабӣ, хонаи кӯдакон.

*25 соати таълимӣ дар як ҳафта:*

мураббиёни муассисаҳои таҳсилоти махсус барои хонандагон ва тарбиятгирандагони ба табобати тӯлонӣ эҳтиёҷдошта ва ё гирифторони иллати ҷисмонӣ, руҳӣ.

*30 соати таълимӣ дар як ҳафта:*

- сармураббиён, мураббиёни муссисаҳои таълимӣ, муассисаҳои тандурустӣ, қабулгоҳҳоиноболигон, калонияҳои тарбиявӣ, муассисаҳои таҳсилоти махсус барои кӯдакон ва наврасони рафторашон барои ҷамъият хавфнок, инструкторҳои варзишӣ дар муассисаҳои таълимӣ.

*35 соати таълимӣ дар як ҳафта:*

- сармураббиён ва мураббиёни муассисаҳои томактабӣ, мураббиёни хонаҳои кӯдакон ва таҳсилоти иловагӣ, педагогӣ-психологӣ, методистони муассисаҳои таълимӣ, мураббиёни хобгоҳ, устоҳои таълимӣ-истеҳсолӣ, инструктори меҳнат, роҳбари тарбияи ҷисмонӣ, омӯзгор-ташкилотчӣ.

24. Давомоти вақти кории тренер-омӯзгор ва сартренер-омӯзгор, ки вобаста ба меъёрҳои музди меҳнат барои тайёр намудани як тарбиятгиранда пардохт мешавад, вобаста ба ҳаҷми максималии соатҳои машғулиятҳои таълимӣ-варзишӣ дар як ҳафта, ки барои ҳар як нафар варзишгар вобаста ба намуди варзиш муайян шудаанд, вазифаҳои муайянгардида, имконияти дар як гурӯҳ муттаҳид намудан, ба танзим дароварда мешавад.

25. Барои соатҳои таълимии зиёда аз меъёр вобаста ба ҳаҷми он ба таври илова пардохт мешавад.

26. Меъёри музди меҳнат вобаста ба вақти кори сарфшуда бо соатҳои астрономӣ ва бо назардошти танаффусҳои байни дарсҳо муайян мешавад:

- давомоти вақти кории дигар кормандони дар банди 21 номбарнагардида дар як ҳафта 40 соатро ташкил медиҳад;

- дар сурати зиёда аз ҳаҷми муайяншуда, бинобар сабаби ба кор наомадании корманди навбатдор кор кардани мураббӣ, ёрдамчии мураббӣ, ки дар вақти ғайрикорӣ ва ё ҷадвали муайянгардида амалӣ мегардад, пардохти музди меҳнат барои соатҳои мазкур ҳамчун пардохти изофакорӣ амали карда мешавад. Тартиби мазкур, ба таври истисно, танҳо

дар сурате амалӣ мешавад, ки агар кор зиёда аз вақти корӣ бе танаффус бо ҳамон як гурӯҳи тарбиятгирандагон амалӣ гардад, ва имконияти иваз намудани корманди навбатдор мавҷуд набошад;

- кори зиёда аз вақти муқаррарӣ набояд барои як корманд дар давоми ду рӯзи пай дар пай аз чор соат ва дар давоми сол аз 120 соат зиёд бошад;

- барои изофакорӣ на камтар ба андозаи 2 карата иловапулӣ пардохт карда мешавад;

- ба омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ дар мавриди ба мутахассис додани фанҳои забони хориҷӣ, мусиқӣ, санъати тасвири, ки ба кам шудани сарборӣ оварда мерасонад, ба шарти ба фаъолияти дигари педагогӣ ҷалб намудани ӯ ставка пурра пардохт мешавад.

27. Ҳаҷми сарбории таълимии омӯзгорон вобаста ба миқдори соатҳо аз рӯи нақшаи таълимӣ, барномаҳои таълимӣ, миқдори синфҳо, таъминот бо кадрҳо ва дигар шартҳои мушаххас дар муассисаҳои таълимӣ муайян мешавад.

28. Сарборӣи омӯзгорон ва дигар кормандоне, ки сарборӣи таълимӣ доранд, барои соли нави таҳсил аз ҷониби роҳбарияти муассиса бо розигии иттифоқи касаба муайян мешавад. Амали мазкур то охири соли таҳсил пеш аз ба таътил рафтани омӯзгорон бояд анҷом дода шавад.

29. Ҳаҷми сарборӣи омӯзгоре, ки ҷойи асосии кориаш муассисаи мазкур мебошад, одатан барои соли нави таҳсил нигоҳ дошта мешавад ва дар сурати кам шудани соатҳои таълимӣ нақша ва ё барномаҳои таълимӣ ва ё ихтисор шудани шумораи синфҳо кам шуда метавонад.

30. Вобаста ба миқдори соатҳои дар нақша ва барномаи таълимӣ пешниҳодшуда, сарборӣи омӯзгорон метавонад дар нимсолаи якум ва дуюм гуногун бошад.

31. Ба фаъолияти таълимӣ ҷалб намудани кормандоне, ки онро илова ба вазифаи асосиаш иҷро менамояд, омӯзгорони дигар муассисаҳои таълимӣ, мутахассисон аз дигар муассисаю идораҳо фақат дар сурати таъмин будани омӯзгорони худи муассиса бо сарборӣи таълимии на камтар аз як ставка мумкин аст.

32. Ҳаҷми сарборӣи омӯзгорон то 2 ставкаро ташкил медиҳад. Дар сурати боқӣ мондани соатҳои кам аз фанҳои алоҳида (3-4 соат дар як ҳафта), ба таври истисно, сарборӣи зиёда аз 2 ставка иҷозат дода мешавад. Дар ин сурат бояд омӯзгор тахассуснок ва бо таҷриба бошад.

Қарори мазкур муваққатан ва ба таври истисно бо розигии иттифоқи касабаи муассиса ва мақоми маҳаллии идораи маориф қабул карда мешавад.

Ба таври истисно роҳбарӣ дар ду синф дар навбатҳои гуногун дар сурати зиёд будани шумораи синфҳо аз шумораи омӯзгорони таҷрибадор иҷозат дода мешавад.

Ҳолатҳои истисноии мазкур бояд, асоснок карда шавад ва танҳо дар сурати норасоии омӯзгорон амалӣ мешавад.

33. Барои директори муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва ибтидоии касбӣ то 12 соат дар як ҳафта ва муовинони директори то 16 соат дар як ҳафта сарборӣи таълимӣ иҷозат дода мешавад.

34. Дар доираи музди маоши вазифавии хизматии роҳбари дифои ҳарбӣ, сарусто, медодист-мушовир ва устоҳои тахлимӣ дарсҳои ин фан низ дохил мешавад. Музди меҳнати роҳбари дифои ҳарбӣ ба ҷониши директор баробар карда мешавад. ва метавонад боз 16 соат дарс дар як ҳафта диҳад.

Роҳбари муассисаи томактабӣ метавонад то 3 соат дар як рӯз сарбории таълимӣ дошта бошад. Фаъолияти таълимии кормандони мазкур дар вақти асосии корӣ ва берун аз он амалӣ карда мешавад.

35. Дар ҳолати зарурӣ роҳбари муассисаи таълимӣ метавонад тариқи шартнома омӯзгорони собиқадори ба нафақабаромадаро ба кор ҷалб намояд. Дар ин ҳолат сарбории онҳо на бояд аз як ставка зиёд бошад.

### 3. Сарбории кормандони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбие, ки тибқи низоми анъанави фаъолият доранд.

36. Меъёри музди меҳнат барои фаъолияти педагогии кормандони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ барои ҳаҷми муайяншудаи меъёри сарбории таълимӣ (ҳаҷми фаъолияти педагогӣ) пардохт карда мешавад:

*720 соат дар як сол (18 соат дар як ҳафта):*

- барои омӯзгорон, омӯзгорони курсҳои тайёрӣ барои дохилшавӣ ба муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ,
- роҳбарони маҳфилҳои таълимӣ ва сексияҳои варзишӣ.

*960 соат дар як сол (24 соат дар як ҳафта):*

- барои консертместерҳо, аккомпаниаторҳо.

*40 соат дар як ҳафта*:

- барои устоҳои таълими истеҳсолӣ, аз ҷумла таълими рондани воситаҳои нақлиёт, техникаи хоҷагии қишлоқ ва ғ.;
- мураббиён ва дигар кормандон.

37. Музди меҳнати моҳонаи омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ то саршавии соли таҳсил бо роҳи тақсим намудани ҳосили зарби меъёри барои як соат муайянгардида ба ҳаҷми сарбории солонаи омӯзгор ба 10 моҳи таҳсил муайян мешавад.

Меъёри муайянгардидаи музди меҳнат ба омӯзгор дар тамоми мӯҳлати соли таҳсил ва давраи таътил, ки ба рухсатӣ рост намеояд пардохт мешавад.

38. Музди меҳнати ҳамагуна кормандони асосии муассисаҳои таълими, ки дар муассисаҳои таълимӣ таҳсил мекунанд, дар асоси даъвати муассисаҳои таълимӣ барои иштирок дар машғулиятҳои таълимӣ ва курсҳои кутоҳмудат иштирок мекунанд дар муҳлати муқаррар гардида аз иҷрои уҳдадории хизматӣ бо нигоҳ доштани музди меҳнат озод карда мешавад. (моддаи 125–и Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон)

39.Омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ, ки танҳо дар гурӯҳҳои шартномавӣ дарс медиҳанд, музди меҳнаташон аз ҳисоби суратҳисоби махсус пардохт карда шавад.

## 4. Меъёри музди меҳнат ва маоши вазифавӣ

40. Меъёрҳои музди меҳнати кормандони роҳбарикунандаи муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ, миёнаи умумӣ ва ибтидоӣ касбӣ (аз ҷумла мактаб-интернатҳо, гимназия, литсейҳо). ***Ҷадвали. 3***

| Номгӯи вазифаҳо | Бо назардошти шумораи хонандагон (нафар) | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | то 100 | аз 101 то 280 | аз 281 то 400 | аз 401 то 880 | аз 881 то 1600 | аз 1600 то 2500 | Зиёда аз 2500 |
| Директор (мудир) | 598 | 627 | 660 | 729 | 794 | 896 | 986 |
| Ҷонишини директор оид ба корҳои таълим ва тарбия | 531 | 564 | 598 | 660 | 729 | 794 | 874 |
| Дигар ҷонишинони директор, роҳбари тайёрии ибтидоии ҳарбӣ | 497 | 531 | 564 | 627 | 660 | 760 | 836 |

*Эзоҳ: Агар дар муассисаи таҳсилоти ибтидоӣ чор синфи комплектӣ (100 нафар хонанда дар шаҳр ва 80 нафар хонанда дар деҳот) набошад вазифаи директории муассиса пешбинӣ карда намешавад. Ба мудири филиали муассиса (ё омӯзгоре, ки ба ӯҳдаи вай роҳбарии филиал гузошта шудааст) ба андозаи ҷонишини директор оид ба корҳои таълим ва тарбия бо назардошти шумораи хонандагон то 100 нафар музди меҳнат пардохт мешавад.

41. Аттестатсияи кормандони соҳаи маориф ҳар сол аз 1 октябр то 30 апрел вобаста ба мӯҳлати фарорасии аттестатсияи корманд (ба истиснои меъёр) гузаронида шуда, баъди тасдиқи дараҷаи тахассусӣ аз соли нави молиявӣ ба музди меҳнати корманд иловапулии муқарраршуда дода мешавад.

42. Баъд аз гузаштани аттестатсия навбатӣ тахассуси нави омӯзгор аз соли нави молиявӣ ба инобат гирифта мешавад. То соли нави молиявӣ музди меҳнати омӯзгор бо назардошти тахассуси пештарааш нигоҳ дошта мешавад.

43. Ба роҳбарони муассисаҳои мақоми махсусдошта кор дар шароити аз шароити муқаррарӣ фарққунанда ва роҳбарони муассисаҳои мақоми ҷумҳуриявӣ дошта музди меҳнат тибқи ҷадвал аз сутуни «1600 то 2500 нафар» пардохт мешавад.

44. Иловапулӣ ба маоши кормандони муассисаҳои махсусгардонидашуда барои хонандагони болаёқат, (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 июли соли 2009, № 427) ба маоши вазифавии директор 25 фоиз, ҷонишинони директор ва омӯзгорони фанҳои равиявӣ 15 фоиз ва ба музди меҳнати дигар кормандон 10 фоиз иловапулӣ муқаррар карда мешавад.

45. Музди меҳнати сармуҳосибони муассисаҳои томактабӣ ва таҳсилоти умумӣ ба андозаи 90 фоизи музди меҳнати директор бо дарназардошти соатҳои таълимӣ ва иловапулиҳо муайян карда мешавад.

46. Музди меҳнати роҳбари созмони хонандагон баробари музди меҳнати омӯзгор бо таҳсилоти миёнаи касбӣ ботахасуси дараҷаи 2 (синфҳои 5- 11) муайян карда мешавад.

47. Муассисаҳои таълимие, ки дорои лабараторияҳои муҷаҳаз бо ҳамаи маводҳои лабаратори мебошанд ва дар он корҳои лабаратори тибқи нақшаи таълими бароҳ монда шудааст, вазифаи лабарант аз рӯи ҷадвали басти воҳидҳои корӣ бароҳ монда мешавад.

48. Музди меҳнати омӯзгорон ва мураббияи муассисаҳои томактабӣ, таҳсилоти умумӣ (аз ҷумла, мактаб-интернатҳо, гимназия, литсейҳо) ва муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ.

*Ҷадвали. 4*

| Номгӯй вазифаҳо | Таҳсилоти миёнаи касбӣ | Таҳсилоти миёнаи касбӣ ва дараҷаи 2 | Таҳсилоти миёнаи касбӣ ва дараҷаи 1 | Таҳсилоти олии касбӣ | Таҳсилоти олии касбӣ ва дараҷаи 2 | Таҳсилоти олии касбӣ ва дараҷаи 1 | Таҳсилоти олии касбӣ дараҷаи олӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Омӯзгорони синфҳои ибтидоии ҳамагуна ихтисос (синфҳои аз 1 то 4 )<br>- мураббиён ва омӯзгорони муассисаҳои томактабӣ,<br>- мураббиёни мактаб-интернатҳо | 564 | 598 | 627 | 660 | 729 | 794 | 896 |
| Омӯзгорони синфҳои болоии ҳамагуна ихтисос (синфҳои аз 5 то 11)<br>Омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва устоҳои таълимӣ | 531 | 568 | 598 | 627 | 695 | 729 | 823 |

*Эзоҳ: Барои тарҷумон-котибаи омӯзгори нобино на камтар аз ҳадди аққали музди меҳнат маош пардохт мешавад;*

*Ба сармураббиён баробари музди меҳнати омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ вобаста ба таҳсилот ва тахассус, бо назардошти коэфитсиенти 1,1 музди меҳнат пардохт карда мешавад;*

*Ба роҳбарони мусиқӣ, баробари музди меҳнати омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ бо назардошти таҳсилот ва дараҷаи тахассусӣ музди меҳнат пардохт карда мешавад;*

*Музди меҳнати равоншиносон баробари музди меҳнати омӯзгори муассисаи таҳсилоти умумӣ синфҳои болоӣ (5-11) вобаста ба таҳсилот ва тахассус пардохт карда мешавад.*

49. Меъёри музди меҳнати омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, ки таҳсилоти касбӣ надоранд (пас аз хатми муассисаи таҳсилоти умумӣ (синфи 11) фаъолият дорад), ба андозаи 70 фоизи меъёри музди меҳнати муаллимони таҳсилоти миёнаи касбидоштаи бе дараҷа муқаррар мешавад. Дар мавриди маоши вазифавӣ муаллимони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ аз музди меҳнати ҳадди ақали муқаррар намудаи давлат пастар шавад, он гоҳ маоши вазифавии чунин муаллимон ба музди меҳнати ҳадди ақал баробар карда мешава. Агар омӯзгор таҳсилоти олӣ ё миёнаи касбии ғайрипедагогӣ дорад ё аз фанни ғайриихтисос дарс медиҳад, музди меҳнати ӯ аз рӯи таҳсилоти олӣ ё миёнаи касбӣ бе дараҷа пардохт карда мешавад. Инчунин, омӯзгор ғайриихтисос бошаду ба вай бо қарори комиссияи аттестасионӣ тахсус аз фанни таълимӣ дода шудааст, музди меҳнат аз рӯи таҳсил ва дараҷа пардохт карда мешавад.

50. Нақшаи музди меҳнати марказҳои таҳсилоти иловагӣ, технологияи информатсионӣ ва коммуникатсия, барномаҳои байналмилалӣ, дарёфт ва рушди истеъдодҳо, маркази таълимию методӣ, Маркази таълимии занон «Сарвар», Маркази таъминоти варзишӣ, Маркази ҷумҳуриявии таълимию методӣ, Маркази таълимии калонсолон ва дигар марказҳои таълимии вазорату идораҳо тибқи басти воҳидҳои намунавӣ муайян мешавад.

*Ҷадвали. 5*

| № | Номгӯи вазифаҳо | Музди меҳнат (сомонӣ) | | Эзоҳ |
|---|---|---|---|---|
| | | Марказҳои ҷумҳуриявӣ | Марказҳои маҳаллӣ | |
| 1 | Директор | 1443 | 1160 | |
| 2 | Муовини директор | 1212 | 995 | Муовинони директор оид ба таълим, тарбия, дигар муовинони роҳбар |
| 3 | Мушовир | 927 | 730 | |
| 4 | Сардори раёсат | 1061 | 844 | |
| 5 | Мудири шӯъба | 995 | 795 | |
| 6 | Мудири бахш | 961 | 781 | |
| 7 | Сармутахассис | 927 | 744 | Нозири кадрҳо, методисти калон, мудири кабинет ва дигар мутахассисон бо таҳсилот ва категорияи олӣ |
| 8 | Мутахассис пешбар | 895 | 713 | |
| 9 | Мутахассис | 829 | 662 | |
| 10 | Лаборанти калон | 531 | 495 | |
| 11 | Лаборант | 495 | 483 | |
| 12 | Дигар кормандони техникӣ ва ёрирасон | Аз 460 то 531 | Аз 460 то 531 | |

Ҳайати омӯзгорон

*Ҷадвали. 6*

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Омӯзгор бо таҳсилоти олии касбӣ | 630 | 630 | |
| 2 | Омӯзгор бо таҳсилоти миёнаи касбӣ | 498 | 498 | |
| 3 | Роҳбари маҳфил бо таҳсилоти олии касбӣ | 662 | 662 | |
| 4 | Роҳбари маҳфил бо таҳсилоти миёнаи касбӣ | 531 | 531 | |

51. Нақшаи музди меҳнати дигар донишкадаҳо (марказҳо, курсҳо)-и такмили ихтисоси кормандони вазорату идораҳо тибқи штатҳои намунавӣ
***Ҷадвали. 9***

| № т/р | Категорияи кормандон | Ҳаҷми музди меҳнат барои як ставка (бо сомонӣ) |
|---|---|---|
| 1 | Директор | 1194 |
| 2 | Муовини директор | 955 |
| 2 | Мудири кабинет | 744 |
| 3 | Мушовир (методист) | 662 |
| 4 | Сармуҳосиб | 863 |
| 5 | Дигар кормандони техникӣ ва ёрирасон | аз 460 то 482 |

55. Нақшаи музди меҳнати роҳбарият, омӯзгорон ва дигар кормандони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ тибқи басти воҳидҳои намунавӣ.

***Ҷадвали. 10***

| № | Кормандон | Ҳаҷми музди меҳнат барои як ставка (бо сомонӣ) |
|---|---|---|
| 1 | Директор | 1265 |
| 2 | Ҷонишини директор оид ба корҳои таълим | 1150 |
| 3 | Ҷонишини директор оид ба корҳои тарбия ва дигар ҷонишинон | 1100 |
| 4 | Сармуҳосиб | 1075 |
| 5 | Сардори раёсат, декани факултет | 1035 |
| 6 | Сардори шуъба, мудири кафедра | 950 |
| 7 | Муовини мудири шуъба, Сардори бахш | 900 |
| 8 | Сардори маркази тестӣ ва машварати (дигар сардорони марказҳо) | 890 |
| 9 | Ҷонишини сардори шуъба, ҷойнишини декан, эдвайзер | 850 |
| 10 | Сармутахассис, ҳуқуқшинос | 805 |
| 11 | Мутахассиси пешбар | 748 |
| 12 | Мутахассис | 690 |
| 13 | Лаборанти калон | 575 |
| 14 | Лаборант | 497 |
| 15 | Дигар кормандони хурди техникӣ ва ёрирасон | 460 |
| | Ҳайати омӯзгорон | |
| 16 | Бо таҳсилоти миёнаи касбӣ | 630 |
| 17 | Бо таҳсилоти олии касбӣ (бе тахассус) | 662 |
| 18 | Бо таҳсилоти олии касбӣ (бо тахассусӣ дараҷаи 2 ) | 795 |
| 19 | Бо таҳсилоти олии касбӣ (бо тахассусӣ дараҷаи 1 ) | 863 |
| 20 | Бо таҳсилоти олии касбӣ (бо тахассусӣ дараҷаи олӣ ) | 927 |

52. Ҳангоми тартиб додани басти вазифаҳо кормандон аз рӯи вазифаҳои хизматӣ ба категорияҳои сардори раёсат, мудири шӯъба ва ё бахш, сармутахассис, мутахассиси пешбар ва мутахассис тақсим мешаванд. Тавсия дода мешавад, ки ҳиссаи кормандони мансабдор (сардори раёсат, мудири шӯъба ва ё бахш) набояд аз 25% шумораи умумии кормандон зиёд

бошад. Шумораи сармутахассисон низ набояд аз 25 фоизи кормандон зиёд бошад.

53. Нақшаи музди меҳнати кормандони кабинетҳои методии шӯъбаҳои маориф тибқи басти воҳидҳои намунавӣ.

*Ҷадвали. 11*

| Номгӯи вазифаҳо | Музди меҳнат (сомонӣ) |
|---|---|
| Мудири кабинети методӣ | 986 |
| Ҷониши мудири кабинет | 940 |
| Мушовирони синфҳои ибтидоӣ (синфҳои 1-4) | 896 |
| Мушовирони синфҳои болоӣ (синфҳои 5-9) | 823 |

Ба хизматчиёни давлатӣ ва кормандони Раёсатҳо ва шӯъбаҳои маориф гирифтани то 9 соат дарс дар як ҳафта дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ иҷозат дода мешавад.

## 4. Пардохти музди меҳнат ва рухсатии кормандони ҳамҷоякор

54. Омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, кормандони муассисаҳои беруназмактабӣ, томактабӣ ва дигар муассисаҳои кӯдакона метавонанд дар як вақт дар якчанд муассисаҳои таълимӣ вазифаҳои омӯзгориро иҷро намоянд. Ҳаҷми умумии кори муштарак бо назардошти давомнокии вақти муътадили кор барои як ҳафта муқаррар мешавад.

55. Ба ҳамҷоякорон рухсатии меҳнатии пардохтшаванда бо назардошти шарти шартномаи меҳнатӣ амалӣ карда мешавад.

## 5. Пардохти музди меҳнати соатбайъ.

56. Соатбайъ ҳаҷми фаъолияти омӯзгорие мебошад, ки камтар аз 240 соатро дар соли таҳсил ташкил дода, тибқи шартномаи меҳнатӣ муайян шудааст.

57. Андозаи музди меҳнати соатбайъ барои гузаронидани машгулиятҳои таълимӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ ба аспирантон ва шунавандагони курсҳо ба андозаи музди меҳнати омӯзгорони ин муассисаҳо барои як соат муайян мешавад.

58. Пардохти музди меҳнати соатбайъ ба кормандони омӯзгории ҳамон як муассисаи таълимӣ аз ҳисоби ставкаҳои соатбайъ, ки бо роҳи тақсими ставкаи моҳонаи омӯзгори ивазшаванда ба меъёри моҳонаи соатҳои кори омӯзгорӣ, пардохт мешавад.

59. Дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, литсей, гимназия ва мактабҳои президентӣ, ки маблагҳои махсус доранд ва он тибқи қонунгузории амалкунанда фаъолият мекунанд то 60 % - и маблагҳои махсусро барои ҳавасмандгардонӣ бо розигии муассис ва иттифоқи касабаи муассиса ба музди меҳнати кормандони муассиса ҳамчун иловапулӣ пардохт намоянд.

60. Таъмини баланд бардоштани сатҳи воқеии музди меҳнати кормандони муассисаҳои буҷетӣ аз ҳисоби маблағҳои махсус (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21.02.1996 №77).

61. Музди меҳнати хизматии директорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва мудирони муассисаҳои таълимии томактаби ва ҳамаи зинаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ аз ҳисоби маблағҳои махсус, метавонад вобаста ба теъдоди кормандони муассиса ва музди меҳнати минималӣ дар муассисаи мазкур тибқи ҷадвали зерин муқаррар карда шавад. Музди меҳнати дигар кормандон дар доираи ҳудуди мазкур бо назардошти таносуб муайян карда мешавад.

***Ҷадвали муайян намудани музди меҳнати директорони ҳамагуна муассисаҳои таҳсилоти умуми, мудирони муассисаҳои давлатии таълими томактабӣ ва роҳбарони ҳамаи муассисаҳои соҳаи маориф .***

***Ҷадвали. 12***

| Шумораи кормандон (нафар) | Маротиба нисбати андозаи ставкаи тарифии коргари дараҷаи 1 касби асосӣ дар муассиса |
|---|---|
| То 100 | То 10 |
| Аз 100 - 1000 | То 12 |
| 1000 - 5000 | То 16 |
| Зиёда аз 5000 | То 20 |

## 6. Пардохти музди меҳнат дар давраи ҷонишини муваққатӣ

62. Музди меҳнати иловагӣ ба муовини штатии директори муассисаи таълимӣ барои иҷрои вазифаи директор, ки муваққатан дар кор ҳозир нест пардохт намешавад.

63. Ҳаҷми маош барои ҷонишинӣ аз ҳаҷми маоши моҳонаи вазифаи ивазшаванда зиёд пардохт намешавад.

64. Дар ҳолати ивазкунии директори муассисаи таълимӣ аз тарафи омӯзгор ба вай маоши вазифавии директори мактаб дода мешавад (на зиёда аз он). Дар ин давра ба вай инчунин маблаги соатҳои таълимӣ пардохт мешавад, ки бояд аз 12 соат дар як ҳафта зиёд набошад.

65. Вақте, ки омӯзгор омӯзгори дигареро аз 2 моҳ зиёдтар иваз менамояд, сарбории ивазшаванда ба сарбории асосӣ ҷамъ шуда, ба таври муқаррарӣ, барои соатҳои ҳақиқӣ пардохт мегардад.

## 7. Пардохти музди меҳнат дар давраи таътил

66. Музди меҳнати омӯзгорон дар давраҳои таътил аз ҳисоби музди меҳнати тибқи тарификатсия муқарраршудаи давраи пеш аз таътил пардохт карда мешавад. Ба он маоши мувофиқи сарборӣ ва иловапулиҳои муқарраршуда дохил мешавад.

67. Ба омӯзгорон ва кормандони роҳбарикунанда, ки дар давраи таътили тобистона ба кор қабул шудаанд, маош то соли нави таҳсил аз ҳисоби маоши вазифавӣ ё ставкаи муқарраршудаи омӯзгор мувофиқи таҳсилот ва ихтисоснокӣ пардохт мешавад. Дар ин ҳолат шумораи хонандагон ба 1 сентябри соли гузашта ба назар гирифта мешавад.

68. Баъди рухсатии меҳнатӣ то соли нави таҳсил иловапулиҳо ба омӯзгорон пардохт намешавад.

## 8. Оид ба дарачаи таҳсилоти омӯзгорон.

69. Таҳсилоти омӯзгор ҳамчун таҳсилоти миёна ва ё олии касбӣ муайян шуда, одатан, талаботи махсусро нисбат ба равияи тахассус дарбар намегирад (масалан, тахассуси педагогӣ). Талаботи махсуси тахассусӣ ба омӯзгорони зерин ҳатмӣ мебошад: консертместер, омӯзгор-логопед, омӯзгор-дефектолог, педогог-психолог.

70. Омӯзгороне, ки таҳсилоти олии касби доранду аз ихтисосҳои гуногун дарс медиҳанд, баъд аз гузаштан аз курсҳои бозомӯзи ва такмили ихтисоси кормандони соҳаи маориф аз фаннҳое, ки дарс медиҳанд мувофиқи таҳсилот ва тахассус музди меҳнат пардохт карда мешавад.

71. Таҳсилоти кормандоне, ки соҳиби дипломи "бакалавр", "мутахассис", "магистр" мебошанд, ба таҳсилоти олии касбӣ баробар мебошад.

72. Таҳсилоти кормандоне, ки се курси пурраи муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро хатм намудаанд, дар сурати пешниҳод намудани маълумотнома ё гувоҳнома, ба таҳсилоти миёнаи касбӣ баробар мебошад.

## 9. Оид ба таҳсил дар синфҳои камкомплектӣ

73. Ҳангоми чой доштани ду синфи ибтидоӣ бо шумораи умумии хонандагон то 25 нафар, се синфи ибтидоӣ бо шумораи умумии хонандагон дар онҳо то 15 нафар, чор синфи ибтидоӣ бо шумораи умумии хонандагон дар онҳо то 10 нафар хонанда дар як синф-комплект муттаҳид карда мешаванд, ки ба онҳо як омӯзгор дар якуним басти корӣ вобаста аз шумораи соатҳои дарсӣ дар нақшаи таълимӣ дарс медиҳад.

74. Музди меҳнати омӯзгори синфи камкомплектии (1-3 ва 2-4) баробари соатҳои таълимии нақшаи таълимии синфе, ки соатҳояш зиёданд, пардохта мешавад.

75. Музди меҳнати омӯзгори синфи камкомплектии 1, 2, 3, ва 1- 4 баробари якуним ставка пардохт карда мешавад.

76. Музди меҳнати омӯзгори синфи камкомплектии (5-6 ва 7-8) баробари соатҳои таълимии нақшаи таълимии синфе, ки соатҳояш зиёданд, пардохта мешавад.

77. Дастуруламали мазкур аз 1 январи соли 2019 дар амал ҷорӣ карда мешавад.

78. Тартиби пардохти музди меҳнати кормандони соҳаи мориф солҳои 2010 ва 2017 аз эътибор соқит муниста шаванд.